**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. ___________
«_30_» ________ 2023 с.

# ХУЛОСАИ
## кафедраи фалсафаи Донишгохи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Зайналов Қурбон Мирзоевич соли 1980 Институти педагогии ш. Кӯлоб (ҳоло Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ)-ро бо ихтисоси «физика ва математика» хатм кардааст. Аз соли 1981 то соли 2005 дар бахши маорифи ноҳияи Вахши вилояти Хатлон ҳамчун мутахассис, аз соли 2006 бошад ҳамчун ассистент, аз соли 2010 ҳамчун муаллими калон ва аз соли 2016 ҳамчун унвончӯ дар кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият намуда истодааст.

Роҳбари илмии унвончӯ Зайналов Қурбон Мирзоевич доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Ибодов Маҳмадулло Орифович мебошад.

Кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ диссертатсияи унвончӯи кафедра Зайналов Қурбон Мирзоевичро дар мавзуи **«Таҳлили илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ»** муҳокима ва баррасӣ намуда, хулосаҳои зеринро пешниҳод менамояд:

Диссертатсия ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳимтарини фасафа ва илми муосир бахшида шуда, дар он принсипи антропӣ мавриди таҳлили илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоӣ қарор гирифта, фаҳмиши илмӣ-табиию методологии он; пайдоиши ақидаҳои антропӣ дар фалсафа ва табиатшиносӣ; навъҳо ва тафсирҳои гуногуни принсипи антропӣ; принсипи антропӣ ва масъалаи мушоҳидачӣ; принсипи антропӣ дар таносуб бо ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ; принсипи антропӣ ва масъалаи таҳаввулоти даста (ансамбл)-и оламҳо – Мулитиверс; принсипи антропӣ ва муҳиммияти коркарди назарияи ноосфера муҳокима ва баррасӣ гардидаанд.

Диссертатсияи унвончӯ Зайналов Қурбон Мирзоевич дар мавзуи **«Таҳлили илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ»,** ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа таҳия гардидааст, аз рӯйи мазмуну

мундарича ба шиносномаи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқат менамояд.

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқшаванда бо ҳолатҳои таърихӣ, ки дар назди одамият мушкилоти гамлетӣ-«будан ё набудан»-ро гузоштааст, муайян карда мешавад. Масъалаи таносубият, ҳамченакии инсон ва олам асоси принсипи антропиро дар соҳаҳои гуногуни мавҷудияти инсонӣ ташкил додаанд. Масъалаи антропии олам бо масъалаи кайҳонченакии инсон, бо фалсафаи кайҳонӣ алоқаманд аст ва билохир масъалаи калидии фалсафа муносибати тафаккуро ба ҳастӣ низ дахл мекунад. Ба ин принсип, ки дорои дараҷаи баланди илмӣ мебошад, рӯй овардан барои ҳалли вазифаҳои асосии фалсафӣ (донисташаванда будани дунё (гносеология), онтология, номология ва аксиология ва ғ.) имконияти зарурирo мекушояд. Кори мазкур дар мисоли принсипи антропӣ ва таҳаввулоти глобалӣ ҷанбаҳои зиёди мушкилоти асосҳои ҳам илмҳои табиатшиносӣ ва ҳам иҷтимоӣ-гуманитариро дар таҳлили масъалаҳои фалсафӣ муайян менамояд. Принсипи антропӣ алоқаи байни инсон ва Кайҳонро муайян мекунад, ки яке аз мавзуъҳои доимии фалсафа ба шумор меравад. Ҳамчунин, аз нигоҳи методологӣ таносуб ва вобастагии мутақобилаи инсон ва Кайҳон, микрокайҳон ва макрокайҳонро муайян менамояд. Аз тарафи дигар, принсипи антропӣ саҳми худро дар муҳокимаи масъалаҳои ҷаҳонбинӣ гузошта истодааст, ки аз байни онҳо аз ҳама муҳимтараш – коркарди назарияи ноосфера мебошад.

Ҳамин тавр, муайян кардани ҷои принсипи антропӣ дар низоми илми фалсафаи иҷтимоӣ ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати методологӣ мубрам аст. Дар робита бо ин ҳолат зарурати муайян намудани истилоҳҳои номуайяни принсипи мазкур ва мушаххас кардани мазмун ва моҳияти истилоҳи «антропӣ» вуҷуд дорад, ки ҳолати мазкурро муаллиф дар рисола равшан намудааст.

Диссертатсия ба мавзуҳои калидӣ ва аҳамиятноки манзараи муосири илмии олам бахшида шуда, ба самтҳои афзалиятноки рушди фалсафа ва илми муосир алоқамандии бевосита дорад. Зеро дар он муаллиф аввалин шуда муҳиммияти коркарди назарияи нави ноосфера ва илми нави ноогеникаро ба миён гузоштааст, ки дар шароити афзоиши проблемаҳои глобалӣ аз мавқеи хирад ва хираднокӣ баромад кардани инсониятро муҳим донистааст. Ба суханони дигар, имрӯз зарурати гузариши тамаддуни муосири инсонӣ дар ягонагӣ бо зисткурра (биосфера) ба зинаи нави таҳаввулот – ноосфера бавуҷуд омадааст. Дар доираи илми асри XXI бошад, кор карда баромадани илми нави ноогеника (таълимот дар бораи ноогенез), ки муҳаққиқон принсипи марказии онро хираднокӣ номидаанд, аҳамиятнок гардидааст. Маҳз дар асоси принсипҳо ва қонунҳои илми нави ноогеника паст намудани шиддати омили антропогенӣ (таъсири гуногуни

инсон ба зисткурра), пешгӯӣ намудани наҷоти инсоният аз хавфи ҳалокатовари мушилоти умумибашарӣ имконпазир мегардад.

Таҳқиқоти муаалиф дар воқеъ «азнавкушоӣ» ва «баҳодиҳӣ»-и принсипи антропиро дар доираи илми ғайрианъанавӣ ташкил медиҳад. Бинобар ин, ба андешаи ӯ онро ба қатори принсипҳои калидие, ки дар вақти шарҳ додани таҳаввулоти Коинот, ҳаёт, ҷамъият ва инсон истифода мешаванд, ҷойгир намудан аз манфиат холӣ нест.

Муҳимтарин натиҷаҳое, ки навоварии илмии рисоларо муайян менамоянд, инҳо мебошанд:

– Бори аввал мазмуни таърихӣ, таҳаввулотӣ, методологӣ, ҷаҳонбинӣ, байнифаннӣ, антропокайҳонӣ, антропоэкологӣ ва арзишии принсипи антропӣ ва таҳаввулоти глобалӣ муфассал баррасӣ гаштааст.

– Дар рисола асоснок карда шудааст, ки принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ самтҳои афзалиятноки таҳқиқи манзараи илмии оламро ташкил додаанд.

– Дар доираи таҳқиқоти кайҳоншиносӣ, астрофизикӣ, физикӣ ва биологӣ муайян карда шудааст, ки қонунҳо, принсипҳо ва равандҳои таҳаввулот на танҳо ба сайёраи замин, балки ба дигар сайёраҳо, галактикаҳо ва, умуман, Коиноти том хос мебошанд.

– Навоварии дигар аз он иборат аст, ки дар кор бори аввал диққат ба ташаккулёбӣ ва аҳамияти фалсафӣ-методологии фасли нав дар сохтори таълимоти таҳаввулоти универсалӣ - космоглобалистика дода шудааст, ки фаъолияти инсонро берун аз ҳудуди сайёраи Замин меомӯзад. Муайян карда шуд, ки таҳқиқот дар ин самт имкон медиҳад, пешгӯии боз ҳам асосноктари ҷустуҷӯӣ ва меъёрӣ оид ба ояндаи тамаддуни инсонӣ, алоқаи мутақобилаи онҳо бо Замин ва Кайҳон ба даст оварда шавад.

– Оид ба баъзе мушкилоти илмӣ-табиӣ ва фалсафию методологӣ дар фаҳмиши дастаи Коинотҳо – Мултиверс дар таносуб бо ғояи таҳаввулоти глобалӣ таҳқиқот ба анҷом расонида шуд. Масъалаи дар таркиби Мултиверс ҷой доштани коинотҳои ҷойдорӣ (локалӣ), маҳаллӣ ва кисагӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, нишон дода шудааст, ки айни ҳол баҳсу мунозираҳои илмӣ дар ин ҷода идома доранд.

– Дар доираи мазмуни фалсафӣ ва илмӣ-табиӣ оид ба робитаи принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ бо назарияи таҳаввулотии В.И.Вернадский оид ба гузариши зисткурра ба ноосфера (курраи хирад) – ноогенез таҳқиқоти инноватсионӣ гузаронида шуд. Асоснок карда шудааст, ки ҷомеаи муосир бояд бо роҳи самти нав дар ҳамбастагӣ, ҳамҷӯрии инсон бо табиат ва зисткурра ва гузариш ба курраи хирад пеш равад. Мутаносибан зарурати кор карда баромадани илми нав таҳти унвони ноогеника асоснок карда шудааст. Таъкид гардидааст, ки

имрӯз инсоният бояд дар иҳотаи проблемаҳои умумибашарӣ зиндагӣ карданро омӯзад, вагарна ӯ бо қадамҳои бехтиётона худро ба нестӣ хоҳад бурд.

Мазмун, муҳтаво ва натиҷаҳои илмии диссертатсия дар 6 мақолаи муаллиф, аз ҷумла, 4-то он, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Точикисон нашр шудаанд, инъикос ёфтааст. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат менамоянд.

Рисола кори илмӣ-таҳқиқотии мустақилона иҷрошудаи муаллиф мебошад, унвонҷӯ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқро дуруст муайян намуда, зимни таҳлили манбаъҳо, моҳирона интихоб намудани ҳадафҳо ва вазифаҳои гузошташуда аз методҳои мувофиқ истифода бурдааст. Хулосаҳо ва натиҷаҳое, ки дар рисола ҷой доранд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи муаллиф мебошанд.

Муаллиф дар тасниф ва таҳқиқи ҷобаҷогузории мавод дар боби фаслҳо, коркарди маълумоти бадастомада ва таҳлили натиҷаҳо, ҷамъбасту хулосабарориҳо бо сабки баёни фаҳмо ва мушаххас саҳм гузоштааст.

Натиҷаҳои бадастомадаи рисола барои муайян намудани ҳамбастагии табиати зинда ва ғайризинда, паҳн гардидани ҳаёт дар Коинот, таносуби инсон ва Коинот, мавҷудияти даста (ансамбл)-и коинотҳо – Мултиверс, аз ҳама муҳим барои коркарди назарияи ноосфера (курраи хирад) имкон медиҳанд. Инчунин, аҳамияти илмӣ-назариявии рисола боз дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои онро метавон барои коркарди минбаъдаи манзараи илмии олам ва сохтори он истифода намуд. Маводҳои рисолавӣ ва натиҷаҳои ба дастовардашуда метавонанд дар вақти гузаштани дарсҳои фалсафа, фалсафаи илми муосир, консепсияи табиатшиносии муосир, фалсафаи экология, роҳбарии корҳои илмии донишҷӯён, магистрҳо, аспирантон ва докторантон истифода шаванд.

Рисолаи таҳқиқотӣ дар кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ анҷом дода шуда, барои дифоъ пешниҳод шудааст. Рисола аз сарсухан, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии рисола 164 саҳифаро ташкил медиҳад. Муаллиф диссертатсияи худро бо тарҳи сохтори дуруст таҳия карда, объект ва предмети таҳқиқро дар алоқамандӣ бо мавзуъ, вазифаҳои таҳқиқот дар ҳамбастагӣ бо ҳадаф ва ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба баёни навгониҳои илмӣ муайян намуда, тавассути методологияи муайяни илмӣ онро таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирӣ намудаст.

Дар маҷмуъ, мазмуну мундариҷаи таҳқиқот, маводи дар диссертатсия истифодашуда, ҷанбаҳои назариявию методологии

диссертатсия ба ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқат менамояд. Диссертатсия аз рӯйи натиҷаи назариявӣ, хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёбӣ мегардад.

Аз натиҷаҳои муҳокима,

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Рисолаи илмии Зайналов Қурбон Мирзоевич дар мавзуи **«Таҳлили илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ»** таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ буда, ба талаботи пешбинигардидаи соҳиб шудан ба дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.
2. Рисолаи илмии Зайналов Қурбон Мирзоевич дар мавзуи **«Таҳлили илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ ба ҳимоя тавсия карда шавад.

Дар муҳокима 24 нафар, аз ҷумла 2 нафар доктори илм, профессор, 4 нафар номзади илм, дотсент ва 20 нафар омӯзгорон иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ тарафдор «24» нафар, зид нест, бетараф нест.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб баноми Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (Протоколи №2 аз 29 сентябри соли 2023) қабул карда шудааст.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи фалсафаи
ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
номзади илмҳои сиёсӣ дотсент: Абдуллоев Н.С.

Котиб, муаллими калон: Камолов Ш.В.

Имзои мудири кафедраи фалсафа,
н.и.с., дотсент Абдуллоев Н.С. ва
Камолов Ш.В.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори РК ва КМ ДДК ба номи
А.Рӯдакӣ: Амиров Ф.А.

735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.
тел.: (833-22) 2-35-06, (833-22) 2-36-26,
факс: (33-22) 2-35-06,
E-mail: info@kgu.tj